# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Ниёзова Маҳина Тешаевна таҳти унвони «Муқоисаи шахсияти Абуалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ»**

Боиси зикр аст, ки ба омӯзиши осори классикони форсии тоҷикӣ тайи садсолаҳои охир теъдоди зиёди муҳаққиқон ва олимон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Дар баробари ин дар замони Истиқлолият нисбат ба даврони шӯравӣ то андозае зиёд шудааст ва таҳқиқоти амиқ ва ҷиддӣ рӯи кор омадааст. Абуалӣ ибни Сино аз зумраи он нобиғаҳое мебошад, ки ҷиҳатҳои зиёди осори гаронбаҳои ӯ аз тарафи филологҳо–адабиётшиносону забоншиносон, файласуфон ва дигар олимони соҳаҳои мухталиф таҳқиқу пажуҳиш шудааст, аммо баъзе масоил то ҳанӯз мавриди пажуҳиши илмии дақиқ қарор нагирифтааст.

Таҳқиқоти илмиеро, ки Ниёзова Маҳина Тешаевна роҷеъ ба осори Абуалӣ ибни Сино анҷом додааст, ҷиҳатҳои зиёди фолклориро таҳқиқ намудааст. Пас метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур нахустин кори илмӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти унвонҷӯ аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳанӯз аз муқаддимаи рисола равшан мешавад, ки муҳаққиқ ҳадафи дақикро омӯхтааст. Инчунин зуд маълум мешавад, ки унвонҷӯ аз тадқиқотҳои илмӣ хуб огоҳӣ дорад ва маҳз ҳамин мукаммал огоҳӣ доштан ин ҷо сухани тоза гуфтани ӯро таъмин кардааст.

Дар баробари таҳқиқи илмӣ намудани унвонҷӯ Ниёзова Маҳина Тешаевна баъзе камбудиҳои грамматикӣ, услубӣ ва техникӣ низ ҷо доранд:

1. Дар муқаддимаи фишурдаи рисола дар саҳ.2 унвонҷӯ номи асари Валерий Воскобойниковро танҳо ба тарзи тарҷумаи тоҷикӣ овардааст. Лозим меояд, ки унвони аслии асар оварда шавад;

2. Дар фишурда рисолаи унвонҷӯ аз фолклоршиноси тоҷик Шакармамадов Н. нуктае, ҳам зикр наёфтааст, ҳарчанд ӯ асрҳои зиёд роҷеъ ба фолклоршиносӣ дорад;
3. Дар саҳифаҳои 5, 7, 13 ва 15 хатогиҳои техникӣ мавҷуданд.

Лекин норасогиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд қимати рисоларо коҳиш диҳанд. Унвонҷӯ як кори бо аҳамиятеро дар самти баланди илмӣ навишта, ба анҷом расонидааст, ки пурра ҷавобгӯи талаботи ВАК-и Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мебошад. Бо назардошти ҳамаи ин ман бо камоли қаноатмандӣ ҷонибдори онам, ки ба муаллифи рисола Ниёзова Маҳина Тешаевна унвони номзади илми филологӣ дода шавад. Муаллиф ба ин унвон сазовор аст.

Шозиёева Г.П.
Котиби илмии Институти омӯзиши
масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ
Тел.: (+992) 93 547 78 93
E-mail: gulmoh@mail.ru

Имзои Шозиёева Гулмо Парвонашоевнаро тасдиқ менамоям
Нозири калони кадри Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ

Зухуров А. Я. ______________ «15» ___11___ 2018

ШУЪБАИ КАДРҲО